ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734025, ш. Душанбе, кӯчаи Шевченко, 69, тел. (992 37) 221-18-35, факс (992 37) 221-75-25

# ФАРМОИШ

аз “30” 07 соли 2024, № 505 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи Низомномаи намунавии мушовир оид ба масъалаҳои маъюбон дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ

Бо мақсади иҷрои банди 1.6 чорабиниҳои Нақшаи миллии амалҳо оид ба омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ва амалинамоии конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон барои давраи то соли 2024, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2020, №116 тасдиқ шудааст, мутобиқи банди 10 Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №148 тасдиқ шудааст,

## Ф А Р М О И Ш  М Е Д И Ҳ А М:

1. Низомномаи намунавии мушовир оид ба масъалаҳои маъюбон дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Ба раёсати ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (Қурбонзода Қ.Б.) супориш дода шавад, ки низомномаи мазкур барои маълумот ва корбарӣ ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилоти ҷамъиятии “Иттиҳодияи миллии маъюбони Тоҷикистон” дастрас гардонида шавад. Мухлат: то 15 августи соли 2024.

3. Ба директори Маркази матбуоти вазорат (Мирзоев Э.) супориш дода шавад, ки нусхаи низомномаи тасдиқгардидаро дар сомонаи интернетии вазорат ҷойгир ва дар рӯзномаи соҳавии “Паёми Шифо”нашр намояд.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазир Шодихон Ҷамшед гузошта шавад.

Вазир Ҷ. Абдуллозода

ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МИНИСТЕРСТВО ЗДРАВООХРАНЕНИЯ И СОЦИАЛЬНОЙ ЗАЩИТЫ НАСЕЛЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
БАРОИ ФАРМОНҲО
ДЛЯ ПРИКАЗОВ

ДУРУСТ
ВЕРНО

Замима
ба фармоиши Вазорати тандурустӣ
ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «30» 01 соли 2024, №505

Низомномаи намунавии
мушовир оид ба масъалаҳои маъюбон
дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи намунавии мушовир оид ба масъалаҳои маъюбон дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мутобиқ ба банди 1.6 чорабиниҳои Нақшаи миллии амалҳо оид ба омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ва амалинамоии конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон барои давраи то соли 2024, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2020, №116 тасдиқ шудааст, бо мақсади танзим намудани тартиби ҷорӣ намудани сармутахассиси ғайриштатӣ оид ба масъалаҳои маъюбӣ ё мансаби мушовир оид ба масъалаҳои маъюбонро дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, инчунин фаъолияти мансабӣ, ҳуқуқ, уҳдадориҳо ва манбаъи маблағгузорӣ оид ба нигоҳдории вазифаи мазкур таҳия гардидааст.

2. Сармутахассиси ғайриштатӣ оид ба масъалаҳои маъюбӣ ё мушовир оид ба масъалаҳои маъюбон дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо (минбаъд – мушовир оид ба масъалаҳои маъюбон) ба ҷадвали воҳидҳои кории дастгоҳи раис ё сохторҳои дахлдори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ шомил набуда, воҳиди ғайриштатӣ, ки берун аз ҷадвали воҳидҳои кории мазкур ҷорӣ мегардад, ба ҳисоб рафта, аз ҳисоби мутахассисони маъюбиятдошта (новобаста ба категорияи маъюбӣ ва сабаби маъюбӣ) ва аъзои ташкилоти ҷамъиятӣ ҳаст ё нест интихоб карда мешавад.

## 2. ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТ

3. Мансаби мушовир оид ба масъалаҳои маъюбон дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи раиси вилоят, шаҳр ва ноҳия (минбаъд – Корфармо) ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Шахси номзад ё довталаб ба вазифаи мазкур метавонад бо пешниҳоди ташкилоти ҷамъиятии маъюбон ё дар мувофиқа бо он таъин гардад.

4. Хароҷотҳои марбут ба фаъолияти мушовир оид ба масъалаҳои маъюбон, аз ҷумла пардохти музди меҳнати ӯ дар доираи маблағҳои ғайрибуҷетии вилоятҳо, шаҳрҳо ё ноҳияҳо, ташкилоти ҷамъиятии

маъюбон, кумаки техникии шарикони рушд ё дигар манбаъҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, анҷом дода мешаванд. Шахси ба вазифаи мушовир оид ба масъалаҳои маъюбон таъин гардида, ҳамзамон метавонад роҳбар ё корманди ин ё он ташкилоти ҷамъиятии маъюбони вилоят, шаҳр ё ноҳия бошад.

5. Муносибатҳои меҳнатии мушовир оид ба масъалаҳои маъюбон ва Корфармо бо шартномаи меҳнатӣ, тибқи муқаррароти Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровварда мешаванд.

6. Фаъолияти мушовир оид ба масъалаҳои маъюбон таҳти роҳбарии бевоситаи раиси вилоят (дар сатҳи вилоят) ё раиси шаҳр ё ноҳия анҷом дода шуда, ба раис ҳисоботдиҳанда мебошад. Дар сурате ки музди меҳнати вазифаи мазкур аз ҳисоби иттиҳодияи ҷамъиятӣ маблағгузорӣ карда шавад, он ҳамзамон ба ташкилоти ҷамъиятии маблағгузор ҳисоботдиҳанда маҳсуб меёбад.

7. Мушовир оид ба масъалаҳои маъюбон дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ва ҳамин Низомномаро ба роҳбарӣ мегирад.

## 3. ВАЗИФА ВА ӮҲДАДОРИҲОИ АСОСӢ

8. Вазифаву ӯҳдадориҳои асосии мушовир оид ба масъалаҳои маъюбон аз инҳо иборат мебошанд:

- мусоидат ҷиҳати пешбурди корҳо аз рӯи масъалаҳои марбут ба ҳуқуқҳои маъюбон дар ҳудуди вилоят (шаҳр, ноҳия) дар ҳамкорӣ бо сохторҳои Дастгоҳи раиси вилоят (шаҳр ва ноҳия) ва сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия, ки дар ҳудуди марзию маъмурии дахлдор дар ин самт фаъолият менамоянд;
- мусоидат ва иштирок дар амалисозии қонунгузории соҳавии марбут ба таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони маъюбиятдошта ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ ва барномаҳои минтақавӣ дар қисмати таъмини мутобиқати он ба муқаррароти Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон;
- ташкили кор ҷиҳати фароҳам овардани шароит барои иштироки фаъоли шахсони маъюб дар тамоми соҳаҳои фаъолияти ҳаётии вилоят (шаҳр, ноҳия), баланд бардоштани масъулияти шахсӣ ва ташаккули фаҳмиши худтаъминкунии маъюбон баҳри истифодабарии иқтидори худ дар рушди ҷомеа ва ҳаёти шахсӣ;
- мусоидат баҳри амалишавии қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Нақшаи миллии амалҳо оид ба омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ва амалинамоии Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон” аз 27 феврали соли 2020, №116 ва “Дар бораи Барномаи давлатии «Муҳити дастрас» барои солҳои 2021-2025” ва Нақшаи чорабиниҳои амалигардонии он аз 27 феврали соли 2021, №52;

- ташкили кор бахри баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии маъюбон ва аъзои оилаи онҳо, тақвият додани маъракаҳои иттилоотӣ оид ба масъалаҳои маъюбият ва ташаккули тарзи ҳаёти солим;

- иштирок дар раванди таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят, шаҳр ва ноҳия;

- мусоидат ҷиҳати таъсис додани ташкилотҳои ҷамъиятии маъюбон (ношунавоён, нобиноён ва ғайраҳо);

- аз сохторҳои алоқаманди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ талаб намудани маълумотҳои дахлдор оид ба масъалаҳои маъюбон ва пешниҳод намудани ахбороти алоқаманд ба раис;

- ташкил намудани мониторинги рафти амалишавии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбоң" ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии амалкунанда оид ба масъалаҳои марбут ба маъюбон;

- дигар вазифаҳое, ки қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои маъюбон муқаррар намудаанд.

## 4. ҲУҚУҚҲО

9. Ҳуқуқу ухдадориҳои асосии мушовир оид ба масъалаҳои маъюбон аз инҳо иборат мебошанд:

- манфиатҳои маъюбони вилоят (шаҳр ё ноҳия)-ро пешбарӣ намояд;

- дар таҳияи лоиҳаи қарорҳои раиси вилоят (шаҳр ё ноҳия) оид ба масъалаҳои марбут ба маъюбон иштирок намояд;

- аз роҳбарияти Мақомоти иҷроияи ҳокимитяи давлатии вилоят (шаҳр ё ноҳия) ташкил намудани шароити муносиби корӣ ҷиҳати иҷрои ухдадориҳои худ талаб намояд;

- ба роҳбарияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят (шаҳр ё ноҳия) оид ба такмили фаъолияти кории худ ва сохторҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии маъюбон таклифҳо пешниҳод намояд;

- дар бораи ошкор гардидани камбудию норасогиҳои фаъолияти сохторҳои дахлдори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят (шаҳр ё ноҳия) дар самти таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои маъюбон ба раиси вилоят (шаҳр ва ноҳия) маълумот манзур намояд;

- бо сардорони сохторҳои дахлдори Мақомоти иҷроияи ҳокимитяи давлатии вилоят (шаҳр ё ноҳия) дар самти таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои маъюбон ҳамкорӣ ба роҳ монад;

- оид ба қарорҳои қабулнамудаи сохторҳои дахлдори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят (шаҳр ва ноҳия), ки ба ҳуқуқҳои маъюбон марбут ҳастанд,, маълумот дархост намояд;

- дар баррасии масъалаҳои марбут ба таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои маъюбон ва арзу шикоятҳои маъюбон, инчунин дар рӯзҳои қабули шаҳрвандон иштирок намояд;

- ҳуқуқҳои дигар, ки тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд.

## 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

10. Дастурамали мансабии мазкур ин ҳуҷҷати дохилиидоравии ташкилию таъминкунанда ба ҳисоб рафта, ба мансаби мушовир оид ба масъалаҳои маъюбон шахси маъюбиятдошта, ки дорои маълумоти таҳсилоти олии касбӣ ё миёнаи касбӣ мебошад, таъин карда мешавад.

Бо муқаррароти Низомномаи мазкур шинос шудам:

имзо: ______________ таърихи рӯз “___” ___________ соли 2024.